**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абулҳақович ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи ҷиноятӣ равона карда шуда, дар он ифода меёбад, ки эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Муҳимтарин шарти озодии шахс ин ҳуқуқи ӯ ба дахлнопазирии манзил аст. Дахлнопазирии манзил дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд.

Ҳамин аст, ки ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкам карда шудааст. Дар м. 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд гардидааст, ки: "Ҳеҷ кас набояд ба дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ, ҳамлаҳои худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил ё махфияти мукотиба ё ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ба шаъну эътибори ӯ дучор шавад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз чунин мудохила ва чунин таҷовуз зери ҳимояи қонун бошад"[1].

Дар шароите, ки муносибат ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ки кафолати амалӣ намудани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аст, таъмини дахлнопазирии манзил бо роҳи ҳуқуқӣ хеле мубрам мегардад. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дахлнопазирии манзил аз даҳолати ғайриқонунии ҳам шахсони дигар ва ҳатто намояндагони давлат дорад, ки бо 22-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва кафолат дода шудааст.

Зарурияти танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахнопазирии манзил пеш аз ҳама дар сирри оилавӣ будани ҳодисаҳое мебошад, ки дар дохили манзили шахс рух медиҳад, манзил ба рушди мутаносиби шахсият мусоидат мекунад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ниёзҳои маънавӣ ва моддии худро амалӣ созад, амнияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ҳуқуқи моликият ва сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, сирри мукотибаи гуфтугӯҳои телефонӣ, почта ва дигар мукотиботи шахсияшро таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, объекти асосии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба дахлнопазирии манзил мебошад. Аммо сарфи назар аз

---

[1] Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи генералӣ аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст ва барои имзо, тасвиб ва ҳамроҳ шудан кушодааст. Аз 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст. Паймони мазкур бо қарори МН МО ҶТ аз 13 ноябри соли 1998 тасдиқ шудааст // Маҷмӯаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2018. – С. 29-57.

мамнӯъияти мавҷудаи қонуни ҷиноятӣ, дар амал мушкилоти татбиқи қонуни ҷиноятӣ, ки ҳифзи дахлнопазирии манзилро таъмин менамояд мушкилиҳо ҷой доранд. Инро маълумотҳои омории расмӣ тасдиқ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки ҳар сол шумораи зиёди ҷиноятҳое, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил содир мегарданд зиёд шуда истодаанд. Масалан, дар асоси маълумотҳои СМИТ ВКД ҶТ соли 2010 – 71 ҷиноят оғоз карда шуда 63 парванда ба суд ирсол карда шуд ва соли 2020 теъдоди содир кардани ҷинояти бо моддаи 147 пешбинишуда авзоиш ёфта баробар ба 102 ҷиноят шуда 83 парвандаи ҷиноятӣ ба суд ирсол карда шуд. Ин омор нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда нисбат ба парвандаҳое, ки дар судҳо мутобиқи моддаи модда баррасӣ мешаванд, хеле зиёданд.

Назаррас будани шумораи ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ки ба қайд гирифта мешаванд, аз мубрам будани масъалаи мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки м. 147 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунанд ва татбиқи амалии онҳо дар қисмати риояи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ, криминализатсияи кирдорҳои алоҳидаи тарафи объективии вайрон намудани дахлнопазирии манзил, вазифаи пешгирикунандаи қонуни ҷиноятиро пурра иҷро карда наметавонанд.

Такмили қонунгузории ҶТ ва таҷрибаи татбиқи он шояд роҳи ягонаи воқеии ҳалли мушкилоти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил бошад. Дар робита ба ин таҳлили қонунҳои ҷиноятии баъзе мамлакатҳо, ки дар онҳо вайрон намудани дахлнопазирии манзил ба қонунӣ танзим мешаванд, мубрам буда, омӯзиши онҳо дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил хеле аҳамиятнок аст.

Вазъи ҷинояткорӣ ва натиҷаҳои таҳлили қонунгузории миллӣ дар самти мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил, зарурати густариши рушди илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, муайян кардани шаклҳои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркарди як қатор мафҳумҳои зарурӣ аз ҷумла истифодаи калимаи манзил, муайян намудани самтҳои асосии рушди минбаъдаи қонуни ҷиноятиро дар ин самт тақозо менамояд.

Бо дарназардошти омилҳои қайдгардида меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ба такмили минбаъда эҳтиёҷ доранд. Дар умум ин омилҳо аз аҳамиятнокии мавзӯи тадқиқоти рисолаи номзадӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Бинобар он, ки натиҷаи таҳлилҳои назариявӣ нишон медиҳанд, дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат дар бобати фаҳмиши моҳияти аслии ҷиноятӣ вайрон намудани дахлнопазирии манзил, мафҳуми калимаи “манзил” ва татбиқи чораҳои самаранок ба зиддӣ содиршавии он мушкилиҳои муайян ҷой доранд. Аз ҷумла, дар 147 КҶ ҶТ масъалаҳои

мушаххаси бандубасти ҷиноят як хел нестанд ва ин ҳолат ба таҷрибаи мақомоти тафтишотӣ ва судии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонида, ба таъмини реҷаи қонуният дар самти мубориза бо ин ҷинояткорӣ монеа эҷод менамояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки имрӯз масъалаи такмили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муқаррар намудаанд, яке аз масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад ва ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст, ва ин тадқиқоти пешниҳодшудаи унвонҷӯ Спитамен Файзиев, аввалин кори илмии хусусияти монографидошта маҳсуб меёбад, ки аҳамиятнокии таҳқиқоти мазкурро собит месозад..

Мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муқаррароти Конститутсияи ҶТ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, асосҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ КҶ ҶТ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии хориҷӣ, қонунгузории ҷории ҶТ вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил ташкил медиҳанд.

Объекти тадқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳад, ки вобаста ба вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ё ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил) ва танзимдарории ҳуқуқ ба манзил ва амалияи истифода-барии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯ Спитамен Файзиев, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионро аз асосҳои омӯзиши меъёрҳои қонунӣ, ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ба омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалияи истифодаи воситаҳои КҶ ҶТ дар мубориза бар вайрон гардидани дахлнопазирии манзил, инчунин таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, барои беҳтар намудани қонуни ҷиноятӣ дар самти ҷавоб-гарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил равона гардидаанд.

Инчунин дар кори диссертатсионии мазкур унвонҷӯ ҳалли вазифаҳои зеринро мувофиқи мақсад шуморидааст: - аз он ҷумла, баррасӣ намудани танзими ҳуқуқии – таҳлили таърихи инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа, таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷиноятӣ дар м. 147-и КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил, коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзилро дар бар мегирад.

Навгониҳои илмии таҳқиқотии унвонҷӯ Спитамен Файзиев, пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта дар илми тоҷик доир ба масъалаи зикргардида мебошад,

ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ҳатто бо назардошти илми ҳуқуқшиносии рус дар заминаи таносуби муқоисавии манъкуниҳои ҷиноятӣ (ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ) пешбиникардаи моддаи 147 КҶ ҶТ, таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ гузаронидааст, пешбинӣ менамояд, дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии қаблӣ ва амалкунандаи ҶТ, амалияи истифодаи он, нуқтаҳои назари олимон ва инчунин нуқтаи назари шахсии муаллиф, модели нави меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил (ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил) пешбинӣ менамояд пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия инчунин зарурати муқаррар намудани ҳолатҳои иловагии вазнинкунанда барои ин ҷиноятҳо асоснок гардида, сохтори нави м. 147 КҶ ҶТ пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар КҶ ҶТ дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ таҳлил карда шуда, чораҳои асосӣ барои пешгирии ҷиноятҳои мазкур таҳия гардидаанд.

Унвонҷӯ Спитамен Файзиев нишон медиҳад, ки донистани таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки он дар ҳудуди қаламрави имрӯзаи Тоҷикистони аз замонҳои аввали давлатдории тоҷикон бо хусусиятҳои хоси худ ҷой дошт. Эълони истиқлолияти ҶТ 9 сентябри соли 1991 дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онро бо мазмуни нав мутобиқи талаботҳои меъёрҳои байналмиллалӣ илова карда шаванд.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки асоси криминализатсияи вайрон намудани дахлнопазирии манзил, ин таъмини ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзил мебошад, ки дар моддаи 22 Конститутсияи ҶТ, талаботи санадҳои байналмилалӣ оид ба зарурати ҳифзи ҷиноятии ҳуқуқии дахлнопазирии манзил мебошад.

Меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии тамоми давлатҳои аъзои ИДМ марбут вайрон намудани дахлнопазирии манзил меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба чунин намуди ҷиноятҳо алоқамандӣ доранд ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд. Лекин вобаст ба аломатҳои бандубастшаванда яз як дигар тафовут доранд.

Аз рӯйи дараҷаи муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил шартан кишварҳои аъзои ИДМ-ро унвонҷӯ ба се гурӯҳ ҷудо менамояд:

- қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда муайян нагардидаанд (Ҷумҳурии Узбекистон);
- қонунгузории ҷиноятии давлатое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда ба дараҷаи миёна муайян гардидаанд (Украина, Молдова);
- қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти тадқиқшаванда нисбатан пурра муайян гардидаанд (Озарбойҷон, Белорус, Тоҷикистон, Федератсияи Россия).

Унвонҷӯ Файзиев Спитамен пешниҳод менамояд, ки объекти бевоситаи м. 147 КҶ ҶТ чунин муайян карда шавад «Муносибатҳои вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон ба ҳаёти шахсӣ дар робита ба таъмини дахлнопазирии манзил”. Объекти иловагии факултативии воситаи таркиби бандубастшавандаи қ. 2 м. 147 КҶ ҶТ фаъолияти мӯътадили мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё давлатӣ ва саломатии инсон эътироф мегардад.

Дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти м. 147-и КҶ ҶТ, дар маҷмӯъ аз ҷониби қонунгузор дуруст арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, унвонҷӯ бо назардошти хусусияти объект ва предмети таҷовузи ҷиноятӣ, инчунин тамоюли густариши парвандаҳои таъқиби хусусӣ пешниҳод менамояд, ки парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани дахлнопазирии манзил танҳо бо шикояти ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ оғоз карда шаванд. Инчунин дар диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ ҳамчун кирдори алтернативии тарафи объективии ин ҷиноят пешбинӣ намудани аломати бандубастшванда “аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ” зарур аст.

Унвонҷӯ Файзиев Спитамен бо мақсади дуруст татбиқ намудани муқаррароти меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қ. 1. м. 147 КҶ ҶТ хориҷ намуданиибораи “касеро аз манзилаш маҳрум кардан” зарур мешуморад. Зеро ғайриқонунӣ аз манзил маҳрум намудан поймолкунии ҳуқуқи молумулкии шахс буда, ба ҳуқуқи дахлнопазирии манзил робита надорад. Диспозитсияи м. 147 КҶ ҶТ тағир дода ба он ворид намудани ибораи “ғайриқонуни кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардан” зарур аст, зеро ин муқаррарот ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии манзилро фаро мегирад, ғайр аз он мувофиқи қонунгузории амалкунанда кӯчонидан ё маҷбуран аз манзил баровардани шаҳрванд танҳо бо қарори асоноки суд дар мавридҳои пешбининамудаи қонун сурат мегирад.

Унвонҷӯ пешниҳод менамояд, ки истилоҳи “манзил” дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъноӣ маҳдуд шарҳ дода шудааст. Бинобар ин дар м.м. 147 КҶ ҶТ калимаи “манзил” ба мафҳуми вассеи он калимаи “истиқоматгоҳ” иваз кардан лозим мебошад ё пас аз навиштани калимаи “манзил” дар қавс калимаи “истиқоматгоҳ” навишта шавад.

Дар баробари ин, дар кори илмии анҷомдодаи Файзиев Спитамен, навгониҳои илмӣ ва пешниҳодҳо бахри такмили қонунгузории кишвар дар самти мазкур, бо назардошти нуқтаҳои назари гуногуни олимони варзидаи ватанӣ ва берунӣ дар ин масаъала, таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва амалии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузорӣ ва амалияи дигар давлатҳои пешқадами Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи баррасишаванда, аҳамияти бениҳоят калон дорад.

Таҳқиқотҳои илмии унвонҷӯ Файзиев Спитамен, ва пешниҳодҳои ӯ дар навгониҳои илмӣ мубрамияти мавзӯи диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ

мустаҳкам карда шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31,33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Файзиев Спитамен қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи онҳо барои пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявию амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Файзиев Спитамен дар мавзӯи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа,сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Зоир Ҷ.М.**

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шозедов Х.Н.**

**Суроғаи ҷойи кор:** 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 19
**Тел:** +992 985 03 85 85
**E-mail:** zoirov2009@mail.ru

26.01.2023 сол